# ЗАРХАРИДОНИ ҲНИ ҲЕҶ ГОҲ БА МАҚСАДИ НОПОКАТОН НАМЕРАСЕД

Ҳодисаи охирини муассисаи ислоҳии шаҳри Ваҳдат, ки санаи 3-юми феврали соли ҷорӣ ба амал омад, бозии навбатии зархаридони ҲНИ бо хоҷагони хориҷиашон мебошад. Агар баромадҳои Муҳиддини Кабириро дар шабакаҳои иҷтимои тамошо карда бошед ӯ яқин мегӯяд, ки мо дар дохили Тоҷикистон бояд ҷангҷӯёни худро дошта бошем. Бинед, ки ин зархаридони гурсӯхта фарзандону хешу ақрабои худро дар гирду атрофашон дар давлатҳои Аврупо ҷамъ оварда, аммо нақшаи нопоку террористонаи худро бо дасти фарзандони мову шумо амалӣ кардан мехоҳад. Аз шабакаҳои иҷтимои бармеояд, ки ин гуруҳи маҳбусон асосан гуруҳи террористии ДОИШ-ро дар бар гирифта ва бо супориши хоҷагони хориҷиашон омодагӣ дида, асбобҳои худсохти халандаю бурранда аз ашёҳои зери дасташон буда омода намуда, бо як ваҳшоният ва бераҳмӣ ба кормандони муассисаи ислоҳӣ ҳуҷум намудаанд. Ин ҷиҳодпарастони ваҳшӣ аз номи Ислом, Худованду Расули Худованд ҳарф мезананду аммо қасди ҷони инсон менамоянд. Ҳолон, ки дар китоби муқаддаси Қуръон омадааст, ки инсон куштан гуноҳи азим барои мусалмонҳо мебошад. Аз ин, хӯлоса бояд баровард, ки ҳизбҳо гуруҳҳои террористӣ-эктремистӣ аз қабилӣ ҲНИ, Ислоҳ,

Гуруҳи-24, ки дар шабакаҳои иҷтимоӣ аз минбарҳои боло, аз дину Худованд сӯхан меронанд, ба ҷузъ манфиатҳои ғаразу, нопок, террористиву-экстремистӣ дигар чизе надоранд.

Мардуми сарбаланди тоҷик бояд ба гуфтаҳои ин зархаридон ягон заррае диққат надиҳанду дар фикри осоиштагии зиндагӣ бошанд, тарбияи дурусти фарзандро ба роҳ монанд то, ки миллати тоҷикро дар оянда бо ихтироотy, илму дониш ва навгониҳои ҷаҳонӣ шиносанд.